Ба Шурои диссертатсионии **6D.КОА-016**-и
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,
E-mail: olimov-1976@mail.ru, rektortau31@mail.ru,
www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи “Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02- Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ**

Сармоягузориҳо дар ташаккулу тараққиёти соҳаҳо, аз ҷумла бахшҳои соҳаи аграрӣ накши муҳимро иҷро мекунанд. Зеро вазъи заминаи моддию техникии соҳа, ҷоришавии технологияи инноватсионӣ, рушди интенсификатсия, гузаронидани чорабиниҳои ирригатсионӣ мелиоративӣ аз мавҷудияти сармоягузориҳо ва истифодаи мақсадноку самараноки онҳо вобастагӣ дорад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнокииқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ, ҳамасола аҳолии мамлакат 2,0 - 2,5 фоиз зиёд шуда истодааст ва ба замми он микдори заминҳои барои кишоварзӣ муновисб ба ҳар сари аҳолии кишвар сол ба сол кам шуда истодааст.

Мушкилот боз аз он ҷиҳат амиқтар мегардад, ки соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои худро дорад, ки ҳангоми сармоягузорӣ онро низ ба назар бояд гирифт. Дар навбати худ, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, вазъи бозори озуқавории кишвар ба вазъи сармоягузориҳо дар тамоми занҷираи агросаноатии кишвар алоқаманд аст. Дар ин робита ҳалли масъалаи таъмини сармоягузориҳо ва такмили механизми идоракунии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад ба афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва инкишофи фаъолияти хоҷагиҳо мусоидат намояд, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Муаллиф дар автореферат самтҳои асосии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзиро бо дарназардошти қонунҳои умумииқтисодӣ таҳлил намуда, самтҳои асосии самранок истифода нмудани онҳоро пешниҳод намудааст. Диссертант қайд менамояд, ки таъминоти аҳолӣ бо хурокаи истеҳсолоти худӣ, дастрасии он ва сифати онро соҳаи кишоварзӣ таъмин менамоянд. Таҳқиқотҳои диссертант нишон доданд, ки соҳаи кишоварзии мамлакат 55-65 % озуқаи дар соҳаи растанипарварӣ ва 25-25% дар соҳаи чорводорӣ тавлидшаванда таъмин менамояд.

Диссертант дар автореферат ҷанбаҳои назариявии сармоягузорӣ, мушкилот ва методологияи асосии ҷалби онҳо, баланд бардоштани

самараи истифодаи сармояро таҳлил намудааст. Методологияи муаллиф оид ба истифодаи фонди истеҳлоки фондҳои асосӣ, лизиинги техникаи кишоварзӣ ҳангоми гузориши сармоя қобили қабул мебошанд. Бояд қайд кард, ки Исматуллозода Б.А. дар вторeферати диссертасия ҷанбаҳои амалии истифодаи самараноки сармоягузориро дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст.

Аз ин рӯ, метавон чунин хулоса баровард, ки кори таҳқиқотии мазкур аҳаммияти муайяни илмию амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои таъмини такмили механизми танзими давлатии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ зоҳир мегардад.

Дар баробаи муваффақиятҳои кори диссертатсионӣ қайд кардан мумкин аст, ки агар муаллиф муҳимияти ичтимой-иқтисодӣ, ташаккул ва рушди сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузориҳои кишоварзиро асоснок карда нишон медод, он гоҳ мазмуну мундариҷаи диссертатсия боз ҳам ғанӣ мегаштанд.

Аз автореферати кори диссертатсионӣ бармеояд, ки диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи "Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисоди, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмиллалии ДДҲБСТ** **Ризозода Т.Р.**

Имзои д.и.и., профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Бобоев А. Х.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, 17 мкр. хонаи 1,
Email: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru,
Тел:+992(3422)2-38-11 Факс:+992(3422)2-51-70